«Тасдиқ менамоям»
Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодии Тоҷикистон номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
Сатторзода Б.А. ________
аз « 08» 05 соли 2025

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсия Алимова Муборак Алимҷоновна дар мавзуи «Рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси и 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) пешниҳод карда шудааст.**

**1.Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм.**

Диссертатсияи ба ҳимоя пешниҳод карда шуда, ба талаботи бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ ҷавобгӯ мебошад: банди (III.) зербандҳои 3. – Ташаккул ва рушди бозори савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 24. – Рушди савдои шабакавӣ дар шароити муосир; 27. – Дастгирии давлатии рушди савдои хусусӣ ва корпоративӣ дар малакат, минтақа ва соҳаҳо. 31.– Рушди технологияҳои рақамӣ дар савдои хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ.

**2.Мубрам будани мавзуи диссертатсия.**Таҳқиқоти мазкур ба яке аз самтҳои афзалиятнок ва масъалаҳои мубрами рушди иқтисодиёти муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккул ва такомули бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт бахшида шудааст. Рақамикунонӣ ҳамчун яке аз равандҳои муҳими ҷаҳонишавии иқтисодӣ ба рушди ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ таъсири мустақим расонида, дар ин замина бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ мавқеи стратегӣ ва ҳалкунандаро касб намудааст. Дар марҳалаи кунунии таҳаввулоти иқтисоди миллӣ ва ҷаҳонӣ рақамикунонӣ ба як талаботи объективии замон табдил ёфта, ҳамчун омили калидии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти иқтисодӣ, густариши робитаҳои бозорӣ ва таъмини рушди устувори бахшҳои

гуногун эътироф гардидааст. Дар ин раванд бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ, ки ба таври мустақим бо татбиқи технологияҳои иттилоотию рақамӣ алоқаманд аст, нақши хосса дошта, заминаҳои мусоиди рушди инфрасохтори рақамӣ, фарогирии бештари аҳолӣ бо хизматрасониҳои иттилоотӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиётро фароҳам месозад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ин замина аз равандҳои глобалӣ канор намонда, дар самти рақамикунонии бахшҳои иқтисодиёт, тақвияти инфрасохтори рақамӣ, такмили заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва татбиқи механизмҳои нави идоракунӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст. Бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар зумраи бахшҳои босуръат рушдкунанда қарор дошта, бо дарназардошти суръати баланди рушд ва васеъ гардидани талаботи аҳолӣ ба хизматрасониҳои рақамӣ, аҳаммияти стратегӣ касб менамояд.

Бо вуҷуди дастовардҳои назаррас, рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор мушкилот ва омилҳои маҳдудкунанда рӯ ба рӯ мебошад, аз ҷумла нокифоя будани инфрасохтори муосир, камбуди сармоягузорӣ, номукаммалии танзими давлатии соҳа, сатҳи пасти дастрасии хизматрасониҳои босифат ба аҳолӣ ва рақобати нокифоя дар бозор. Аз ин рӯ, зарурати таҳияи роҳҳалҳои илмӣ-амалӣ, таҷдиди назар дар механизмҳои танзим, ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ ва татбиқи таҷрибаи муосири байналмилалӣ дар самти рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ба миён омадааст. Ҳалли масъалаҳои мазкур, бо дарназардошти равандҳои рақамикунонии иқтисодиёт, яке аз вазифаҳои муҳим ва саривақтии рушди иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

**3. Навгониҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо).**

Натиҷаҳои таҳқиқот бо эътимоднокии баланд асос ёфтаанд, ки ба воситаи ҷамъоварӣ, таҳлил ва коркарди маълумоти кофӣ бо истифода аз усулҳои муосир ба даст омадаанд. Муносибат ва мувофиқати натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот бо маълумоти расмии Паёмҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, консепсияҳои соҳавӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ дар бораи пешниҳоди хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ, инчунин маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, оморҳои байналмилалӣ, маълумоти ташкилотҳои байналмилалӣ, захираҳои иттилоотии интернет ва дигар манбаъҳои

дахлдор тасдиқ шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар асоси асоснокгардонии ҷанбаҳои илмӣ-назариявӣ ва методологӣ барои коркарди усулҳои иқтисодӣ-математикӣ ва оптимизатсионӣ, таҳияи самтҳои афзалиятнок ва механизмҳои рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ таъриф мешавад. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки навгониҳои илмии онро муайян мекунанд, ба нуктаҳои зерин шомиланд:

-таҳия ва пешниҳод коркарди илмӣ - муаллифии бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ (БХАМ), аоқаи мобилӣ (АМ) дар шароити гузариш ба рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ. Инчунин, дар асоси омӯзиши ҳамаҷонибаи адабиёти илмии иқтисодӣ оид ба мавзуъ муаллиф дар шакли мухтасар ва ҳамаҷониба дар баробари таҳияи фаҳмиши муаллифӣ, тасниф ва сохтори бозори хизматрасонии алоқаи мобилиро дар шакли пурра ва маҷмӯӣ пешниҳод карда шудааст;

-омилҳои мутаассир ба рушди ояндаи бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонӣ ошкор карда шудааст. Ҳангоми баррасии масоил ошкор гардид, ки барои такмили минбаъдаи бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ омилҳои зерин: иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, техникӣ, технологӣ таъсир мерасонанд. Ба омилҳои муҳити дохилии бозор бошад, рақобати нокомил, мавҷуд набудани ширкати милли пешниҳодкунандаи хизматарсонӣ, инчунин тақозо, арза ва нарх ва рақобат таъсир мерасонанд;

-дар рафти омӯзиши ҳамаҷониба вазъи кунунии бозори хизматрасонии алоқаи мобилӣ таҳлил карда шуд. Дар натиҷаи коркарди маълумоти оморӣ ва нишондиҳандаҳои ширкатҳои пешниҳодкунандаи хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ барои муайян кардани таъсири ин раванд ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ таҳлили ҳамаҷониба гузаронида шуд. Дар натиҷаи таҳлили нишондиҳандаҳои хизматрасонии алоқаи мобилӣ маълум гардид, ки фаъолияти аксарияти ширкатҳои миллӣ ба талабот ва унсурҳои рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ ҷавобгӯй нест;

-арзёбии далелҳои ташкилию иқтисодӣ, ташаккул ва рушди хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар асоси равишҳои гуногуни илмӣ дар сатҳи минтақавӣ ва миллӣ гузаронида шуда, таъсири омилҳо баҳо дода шуд. Ба сифати унсурҳои хизматрасонӣ нишондиҳандаҳои асосӣ, аз он ҷумла ҳолати пешниҳоди ин хизматрасониҳо дар муқоиса бо дигар ширкатҳо муайян карда шудаанд;

-дар раванди иҷрои корҳо бо истифода аз усулҳои моделсозии иқтисодӣ – математикӣ дар асоси маълумоти ҷорӣ оид ба

хизматрасониҳои пешниҳодшуда амсилаи оптимизатсионии дар мисоли ҶСК «Таком» таҳия карда шуд. Натиҷаи амсила бо истифодаи усули баҳодиҳии дуҷониба таҳлил гардида, бо мақсади афзоиши даромад ва кам кардани хароҷот тавсияҳои илман асоснок пешниҳод карда шудааст;

-коркарди амсилаҳои иқтисодӣ - математикӣ ва оптимизатсионӣ, таҳияи самтҳои афзалиятнок, инчунин таҳияи механизми рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ. Махсусан, асоснок карда шудааст, ки механизмҳо ва коркардҳои илмии пешниҳодшуда дар маҷмӯъ бояд ба ташаккули ояндаи бозори хизматрасонии алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири амиқ ва муассир расонанд.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршда.**

Хулосаҳо ва тавсияҳои зикршуда дар диссертатсия дар асоси таҳлили амиқи назариявӣ, таҷрибаи амалии соҳа, таҳқиқоти миқдорӣ ва сифатии бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ таҳия гардидаанд. Барои эътимоднокии онҳо, муаллиф аз усулҳои муосири таҳлили иқтисодӣ, моделҳои иқтисодӣ-математикӣ ва методҳои économeтрӣ истифода намудааст, ки имкон медиҳанд робитаҳои сабабӣ ва таъсири омилҳои калидиро бо эътимод арзёбӣ намоянд.

Илова бар ин, тавсияҳо бо дарназардошти равандҳои воқеии рушди иқтисоди рақамӣ, таҳлили қонунгузории амалкунанда, таҷрибаи ширкатҳои фаъол дар бозори алоқаи мобилӣ ва талаботи аҳолӣ таҳия шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот инчунин тавассути муқоисаи таҷрибаи байналмилалӣ ва имконоти татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санҷида шудаанд.

Ҳамчунин, дурустии хулосаҳо ва тавсияҳо аз ҷониби коршиносони соҳа ва ниҳодҳои дахлдор дастгирӣ ёфта, дар шакли таклифҳои амалӣ ба барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ ворид карданашон имконпазир аст. Ҳамин тариқ, асоснокии илмӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи методологияи мустаҳкам, далелҳои оморӣ ва муқоисаи таҷрибаҳои муваффақ таъмин мегардад.

**5.Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

**Аҳамияти илмии** таҳқиқоти диссертатсионӣ дар саҳми назаррасаш ба рушди назарияи иқтисодиёти хизматрасонӣ, махсусан бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт зоҳир мегардад. Муаллиф ба таври амиқ консепсияҳои

"хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ" ва "бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ"-ро пешниҳод намуда, хусусиятҳои хоси ин бозорро дар шароити муосир дақиқ муайян кардааст. Дар раванди таҳқиқот, омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ таҳлил гардида, асоси боэътимод барои таҳқиқоти минбаъда ва истифодаи моделҳои эконометрӣ барои арзёбӣ кардани таъсири рақамикунонӣ ба ин бозор фароҳам оварда шудааст. Таҷрибаи кишварҳои дигар дар ин соҳа омӯзиш ва татбиқи унсурҳои муассир барои Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст. Таҳқиқот дар ташаккули асосҳои назариявӣ ва методологии рушди бозори рақамии хизматрасониҳо мусоидат мекунад ва равандҳои глобалӣ ва минтақавии рақамикунонии иқтисодиётро дар назар мегирад. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот дар такмили танзими давлатӣ ва таҳкими рақобат дар бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ мусоидат менамоянд.

**Аҳаммияти амалии** кори диссертатсионӣ дар он аст, ки натиҷаҳои он метавонанд дар таҳияи сиёсатҳои иқтисодӣ, барномаҳои рушди соҳаи алоқа ва таҳкими равандҳои рақамикунонии иқтисодиёт истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот барои ширкатҳои алоқаи мобилӣ дар таҳияи стратегияҳо, баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва беҳтар кардани сифати хизматрасонӣ ва истифодаи беҳтарини захираҳои молиявии ширкатҳо хизмат мекунанд. Истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар муассисаҳои таълимӣ метавонад сатҳи омодагии мутахассисони соҳаҳои иқтисодиёт, менеҷмент ва маркѐтингро баланд барад. Пешниҳодҳои амалии таҳияшуда метавонанд барои ҷалби сармоягузорӣ, рушди инфрасохтори рақамӣ ва ташаккули муҳити рақобатпазири соҳа муфид бошанд.

**Аҳаммияти иқтисодии** натиҷаҳои диссертатсия дар он аст, ки тавсияҳои муаллиф барои такмили механизмҳои танзими давлатӣ ва ҷалби сармоягузорӣ ба инфрасохтори рақамӣ метавонад самаранокии иқтисодиётро баланд бардорад, даромадҳои буҷетиро афзоиш диҳад ва сифати хизматрасониҳоро барои аҳолӣ беҳтар кунад. Инчунин, татбиқи тавсияҳо ба коҳиши хароҷоти истифодабарандагон ва самаранок истифода бурдани захираҳои молиявии ширкатҳо кӯмак мекунад, ки дар натиҷа даромаднокии онҳо афзоиш ёфта, имконият барои васеъ кардани шабака ва беҳтар кардани сифати хизматрасониҳо пайдо мешавад. Рушди устувори бозори алоқаи мобилӣ метавонад таъсир хубе ба бахшҳои дигари иқтисодиёт дошта бошад, аз ҷумла тиҷорати электронӣ ва хизматрасониҳои рақамӣ. Бо ҳамин, натиҷаҳои диссертатсия

метавонанд ба афзоиши ММД ва рушди иқтисоди рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат кунанд.

**Аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия дар он аст, ки онҳо ба таҳкими заминаҳои институционалӣ ва инфрасохтории бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ мусоидат карда, сатҳи дастрасӣ ва сифати хизматрасониҳоро барои аҳолӣ беҳтар мекунанд. Тавсияҳои муаллиф метавонанд ба баланд бардоштани сатҳи хизматрасониҳо ва тавсеаи имкониятҳои дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои рақамӣ кӯмак намоянд.

**6.Мазмуни кори диссертатсионӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии кор», се боб, бахши «Хулоса» бо зербахшҳои «Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия» ва «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», бахши «Номгӯи адабиёт» бо зербахшҳои «Феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда» ва «Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ» ва инчунин бахши «Замима» иборат аст.

**Муқаддимаи** диссертатсия (с.4-15) мубрамияти мавзӯи таҳқиқ, дараҷаи омӯхташудагии он, робита бо барномаҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳлил, фарзия, асосҳои назарию методологӣ, манбаъҳои иттилоот, пойгоҳи таҳқиқотӣ, навоварии илмӣ, тезисҳои барои ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назарию амалии кор, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мувофиқати кор бо шиносномаи ихтисос, саҳми шахсии довталаб, маълумот оид ба татбиқ ва нашри натиҷаҳо, сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро дар бар мегирад. Дар муқаддима зарурати таҳқиқи мавзӯъ, то кадом андоза омӯхта шудани он, алоқамандӣ бо самтҳои илмӣ асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва фарзияи таҳқиқ мушаххас гардидаанд. Ҳамчунин, навоварии илмии кор, тезисҳои барои ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назарию амалӣ, маълумот оид ба нашри натиҷаҳо, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия зикр шудаанд.

Боби якуми диссертатсия (с.15-45) ба таҳлили масъалаҳои муҳими назариявӣ ва методологии рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт бахшида шуда, дар он муаллиф асосҳои назарӣ ва методологии мавзӯъро муайян ва хусусиятҳои рушди соҳаро дар шароити муосир таҳлил мекунад. Дар зербоби 1.1 муаллиф мубрамияти мавзӯъро асоснок намуда, нақши афзояндаи хизматрасониҳои алоқаи мобилиро дар иқтисоди рақамӣ

қайд мекунад ва истилоҳоти гуногуни марбут ба иқтисоди рақамиро баррасӣ ва таснифоти хизматрасониҳои алоқаи мобилиро пешниҳод менамояд. Дар зербахши 1.2 муаллиф хусусиятҳои рушди соҳаи алоқаи мобилиро дар шароити рақамикунонӣ таҳлил намуда, мафҳуми рақамикунониро аз нигоҳи муҳаққиқони гуногун баррасӣ ва дидгоҳи шахсии худро пешниҳод мекунад, ки дар он рақамикунонӣ на танҳо ҷорӣ намудани технологияҳо, балки тағйири ҳамаҷонибаи моделҳо ва муносибатҳо дар соҳаи алоқаи мобилии Тоҷикистон дониста мешавад. Дар маҷмӯъ, боби якум таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои назарӣ ва методологиро пешниҳод намуда, заминаи мустаҳкам барои таҳқиқоти минбаъда мегузорад.

Боби дуюми диссертатсия (с.63-98) ба таҳлили ҳолати кунунии рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ, арзёбии таъсири омилҳо ба рушди он, нишондиҳандаҳои асосӣ ва хусусиятҳои тарофаҳои хизматрасониҳо бахшида шудааст. Зербоби 2.1 ташаккул ва инкишофи бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилиро дар Тоҷикистон таҳлил намуда, зарурати рушди инфрасохтори рақамиро ҳамчун омили муҳими рақобатпазирӣ ва тавсеаи бозори ХАМ нишон медиҳад ва маҳдудиятҳову мушкилоти системавиро, аз ҷумла набудани консепсияи минтақавӣ ва мушкилоти қонунгузорӣ, қайд мекунад. Зербоби 2.2 омилҳои таъсиррасон ба рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилиро таҳлил ва зарурати коркарди нишондиҳандаҳои баҳодиҳиро асоснок мекунад, ки дар он вобастагии рушди ХАМ ва БХАМ на танҳо ба инфрасохтор, балки ба омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва танзимӣ нишон дода мешавад. Зербоби 2.3 нишондиҳандаҳои асосӣ ва хусусиятҳои тарофаҳои хизматрасониҳои алоқаи мобилиро баррасӣ намуда, инфрасохтори техникии мавҷударо арзёбӣ мекунад ва зарурати танзими давлатии соҳаро ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодӣ таъкид менамояд.

Боби сеюми диссертатсия(с.111-136) ба таҳияи амсилаи иқтисодӣ-математикӣ, оптимизатсияи пешниҳоди хизматрасонии алоқаи мобилӣ, механизми танзими давлатӣ ва самтҳои ояндадори БХАМ бахшида шудааст. Зербоби 3.1 амсилаи иқтисодӣ-математикӣ ва оптимизатсияи пешниҳоди хизматрасониҳои алоқаи мобилиро таҳия намуда, бартариҳои пешниҳоди хизматрасониҳои нав ва аҳамияти оптималикунонии даромад ва таъмини истеъмолкунандагонро таъкид мекунад. Зербоби 3.2 масъалаҳои мубрами такмили самтҳои афзалиятноки рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилиро дар

шароити рақамикунонӣ таҳлил намуда, замина барои хулосаҳо ва тавсияҳои минбаъда мегузорад. Зербоби 3.3 масъалаи такмил ва тавсияи механизми танзими давлатии рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилиро баррасӣ намуда, мушкилоти татбиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқиро қайд мекунад ва самтҳои афзалиятноки рушди тиҷорати электрониро дар заминаи алоқаи мобилӣ пешниҳод менамояд, инчунин тавсияҳо барои бартараф намудани мушкилоти рақамикунонии БХАМ пешниҳод мегарданд.Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқот ҷамъбаст ва хулосаҳову тавсияҳои мушаххас пешниҳод шудаанд, ки дар он рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар Тоҷикистон қайд гардида, зарурати ҳалли як қатор мушкилот барои рушди минбаъда таъкид шудааст ва тавсияҳои мушаххас барои сиёсатгузорон ва ширкатҳои алоқаи мобилӣ пешниҳод шудаанд.

**7. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб оид ба шаклгирии диссертатсия.**

Дар баробари комёбиҳои муҳими илмӣ, дар диссертатсия баъзе норасоиҳо низ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба сифати кор таъсири мусбат мерасонад. Аз ҷумла:

1. Маврид ба зикр аст, ки дар таҳқиқоти унвонҷӯ бобати таҷрибаи ҷаҳонӣ ва кишварҳои ҳамсоя дар масъалаи мавзӯи таҳқиқотшаванда кам мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифта, вобаста ба қадамҳои устувор гузоштан ва ҷиҳати муваффақ гардидани ширкатҳои мухобиротии хориҷӣ маълумотҳои зарурӣ пешниҳод нагардидааст.
2. Дар диссертатсия тарзи гузоштани иқтибосҳо тибқи талаботи дастурамали КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал баровaрда нашудааст.
3. Вобаста ба рақобатпазирии ширкатҳои мухобиротии ватанӣ бо дигар ширкатҳо мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода нашудааст.
4. Руйхати адабиёт аз руи стандарт омода ва таҳия карда шавад.
5. Кори илмӣ хатогиҳои грамматикӣ ва имлоӣ дорад.

**8. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Чуноне ки аз шиносоӣ бо муҳтавои диссертатсияи пешниҳодшудаи унвонҷӯ бармеояд, тахассуси илмии ӯ ба дараҷаи илмии дархостнамудааш мутобиқат менамояд менамояд. Довталаби дараҷаи номзади илм аз рӯи ихтисоси дархостшаванда Алимова М.А. ба талаботи бандҳои 17-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, № 267) ва банди 18-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-июни соли 2023, № 295 «Дар бораи тағйиру иловаҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267»)

мувофиқат мекунанд.

**9.Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 17 асари илмии муаллиф, бо ҳаҷми умумии 9,45 ҷузъи чопӣ, инъикос ёфтаанд. Аз ин миқдор 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Кумитаи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Ҳамчунин, муаллиф дар конференсияҳои илмию амалии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ, аз ҷумла дар конференсияҳои солонаи омӯзгорони Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар давраи аз соли 2008 то 2024 бо маърӯзаҳо баромад намуда, натиҷаҳои кори худро муҳокима кардааст.

**10. Мутобиқати матни автореферат бо мазмуни диссертатсия.**

Рисолаи диссертатсионӣ ва автореферати он муҳтавои марказии таҳқиқоти илмиро пурра дар бар гирифта, навовариҳои барои ҳимоя пешниҳодшавандаро равшан баён мекунанд.

Тарҳрезӣ ва пешниҳоди диссертатсия ва автореферати он мутобиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифтааст.

**11. Хулосаи ҷамъбастӣ**

Рисолаи диссертатсионии Алимова Муборак Алимҷоновна аз нигоҳи илмӣ-назарӣ ва методологӣ дар сатҳи шоиста анҷом ёфтааст. Мавзӯи таҳқиқоти мазкур ниҳоят муҳим ва саривақтӣ буда, натиҷаҳои бадастомада барои пешрафти бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзиши бузург доранд. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқ аз усулҳои муосири таҳлил ва коркарди маълумот ба таври самаранок истифода бурда, ба натиҷаҳои боэътимод ноил гардидааст. Навоварии илмии кор дар муайян намудани нақши рақамикунонии иқтисодиёт дар инкишофи бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва таҳияи моделҳои мушаххаси рушди он ифода меёбад. Арзиши амалии таҳқиқот дар имконияти истифодаи натиҷаҳои он дар таҳияи стратегия ва сиёсатгузории соҳаи алоқаи мобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушоҳида мешавад.

Рисолаи диссертатсионии Алимова Муборак Алимҷоновна ба талаботи муқарраршуда барои рисолаҳои диссертатсионӣ ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) мебошад.

**Раиси ҷаласа,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**мудири кафедраи фаъолияти биржавии**
**Донишгоҳи давлатии молия ва**
**иқтисоди Тоҷикистон** **Мирсаидов С. А.**

**Ташхисгар:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**дотсент, сардори шуъбаи**
**мониторинг ва идораи сифати таълими**
**Донишгоҳи давлатии молия ва**
**иқтисоди Тоҷикистон** **Сулаймонзода Ш.Ф.**

**Котиби ҷаласа, номзади илмҳои**
**иқтисодӣ, дотсенти кафедраи**
**иқтисоди рақамӣ ва логистикаи ДДМИТ** **Воҳидов У.М.**

**Имзои д.и.и., профессор Мирсаидов С.А., н.и.и., дотсент Сулаймонзода Ш.Ф. ва н.и.и., дотсент У. Воҳидовро тасдиқ менамоям.**

**Сардори шуъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДМИТ** **Мирҷамолов М.А.**

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

**Суроға: 73467, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14**
**Тел.: (+992 37) 231 -02-01, E-mail: tgfeu@tgfeu.tj**